# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ”, ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Бо расидан ба истиқлолияти милливу давлатӣ омӯзиш ва корбурди роҳу усулҳои наву замонавии таълим дар раванди маорифи Тоҷикистон рӯ ба густариш ниҳода, дар ин замина барномаву стратегиҳои мухталифи миёнамуҳлату дарозмуддат ба тасвиб расидаанд, ки иҷрои онҳо дар рушди соҳоти мухталифи илму маориф заминаи мусоиде фароҳам оварданд. Дар ин замина тарбияи ватандӯстӣ яке аз муҳимтарин омилҳои муассире дар давоми истиқлолияти давлатӣ маҳсуб мешавад, ки ҳукумату давлат бо пайгирӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат ба муваффақиятҳои назаррасе расидаанд. Бахусус, дар асоси таҷрибаомӯзии таълимӣ бедор намудани ҳисси ватандӯстии донишҷӯён яке аз муҳимтарин омилҳои судманд маҳсуб мешавад.

Рисолаи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзуи “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ” ба яке аз масъалаҳои ниҳоят мубрами илми педагогӣ бахшида шуда, фарогири иттилоти арзишманди илмӣ перомуни мавзуи мавриди назар мебошад. Зеро системаи таҳсилот дар замони муосир бо назардошти раванди ҷаҳонишавӣ ва густариши босуръати фарҳанги миллӣ тақозо менамояд, ки дар ҷараёни таҷрибаомӯзии таълимии муассисаҳои олӣ муаррифии арзишҳои милливу маънавӣ ва таърихиву маданӣ аз муҳимтарин тадбирҳо маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки таҷрибаомӯзии таълимӣ на танҳо барои аз бар намудани донишҳои назариявӣ, балки ҷиҳати шинохти муҳимтарин арзишҳои милливу маданӣ ва илмиву маънавӣ манбаи иттилооти муҳим мебошад. Аз ин лиҳоз, ба таври васеъ огоҳ будан аз методҳои гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ дар раванди таълим ба манфиати муаллифи рисола шуморида мешавад, ки ба сифати кори тадқиқотӣ сифати рисоларо бештару баландтар месозад.

Аз ин лиҳоз, таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар раванди худшиносиву худогоҳӣ ва баланд бардоштани ҳифзи арзишҳои миллӣ яке аз муҳимтарин омилҳо мебошад, ки дар ин самт махсусиятҳои гуногуни арзишҳои маданию маишӣ ва ватандориву ватандӯстии ҷавонон ба назар гирифта мешаванд. Такомули ҳисси худшиосиву худогоҳии ҷавонон ва рушди устувори ифтихори милливу маънавии онҳо аз арзишҳои муҳимми башарӣ дар ҳифз ва нигоҳдошти арзишҳои миллӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ аз унсурҳои муҳимми таълим ба шумор меравад, ки донишҷӯро ба ҷуз самти таълиму тарбия ба роҳи худшиносиву хухудогоҳӣ ва ватандӯстиву меҳанпарастӣ равона месозад

Омилҳои мазкур муҳиммияти мавзуи диссертатсияро асоснок намуда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳод намудаи муаллифро тасдиқ менамоянд. Мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, мавзуъ, фарзия ва навгониҳои илмии диссертатсия ба талаботи таълифи рисолаҳои номзадӣ дар соҳаи мавриди назар мутобиқат

менамоянд. Назария ва роҳу усулҳои пешниҳодшуда дар рисола ҷиҳати таъмини самаранокии таҷрибаомӯзии таълимӣ аз муҳимтарин корҳо маҳсуб меёбад, ки саҳми илмии муаллифро дар таълифи диссертатсия нишон медиҳад.

Дар рисола аҳамияти арзишҳои ватандӯстӣ, ташаккули муносибати боэътимод нисбат ба табиат, муҳити зист, халқу миллат, анъанаҳои миллӣ, таърихи фарҳанг, ғояҳои миллӣ, гузашта, имрӯз ва фардои кишвар, ки дар натиҷа ба дигаргунсозии муносибат ба ин арзишҳо дар ҷараёни таҷрибаомӯзии таълимӣ ба намоиш оварда шудааст, ки дар шинохти зодгоҳ, маҳалли зист, анъанаҳо, таърих, фарҳанг, табиати маҳал, мавқеи ҷуғрофӣ, муқаддасот, хислатҳои миллӣ, халқ, оила, давлат, ватандӯстӣ, қарз, шараф, образи Ватан заминаи мусоид фароҳам меоварад. Муаллиф таҳқиқоти диссертатсиониро бо назардошт ва риояи меъёрҳои методологияи илмӣ ба анҷом расонидааст, ки дорои арзиши илмӣ ва амалӣ мебошад.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои илмию амалии рисола зарур мешуморем, ки баъзе аз тавсияҳое, ки муҳим ба назар мерасанд, пешниҳод карда шаванд:

- таҳлили марҳилаҳои таҷрибаомӯзии таълимӣ дар шинохти арзишҳои милливу маънавӣ ҳарчанд ҷараён гирифта бошад ҳам, дар ин замина пешниҳод намудани тавсияҳои бештар арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро боз ҳам баланд мекард;
- муқоисаи бештари нишондиҳандаи раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ бо дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши илмию амалии таҳқиқотро баландтар менамуд;
- баъзе ғалатҳои услубию имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни рисоларо меафзояд.

Диссертатсияи илмии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзӯи “Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.01–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор дониста мешавад.

Узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
методикаи таълими математикаи ДДОТ
ба номи С.Айнӣ М.Нугмонов

Имзои М. Нугмоновро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ: Мустафозода А.

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел: +992(37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj
“06” 06. 2023 с.